Ба Шурои диссертатсионии 6D. КОА-014 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: ш.Душанбе, 734067, кӯчаи Нахимов 64/14.

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати Расулов Ҷовид Қурбонович дар мавзуи «Истифодаи самаранокии иқтидори захиравӣ-табиӣ ҳамчун омили таъмини бехатарии озуқаворӣ дар сатҳи минтақаҳо (дар мисоли вилояти Хатлон)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.4 - Иқтисодиёти ҳудудӣ пешниҳод шудааст.**

Маълум аст, ки барои таъмини амнияти озуқаворӣ неруи захиравӣ – табиӣ дар кишвар ва манотиқи он бояд самаранок истифода шавад. Махсусан, дар дар ин радиф ба масоили истифодаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ ва таъмини рушди устувори истеҳсолоти агросаноатӣ дар марҳилаҳои истеҳсол, коркард, нигоҳдорӣ ва фурӯши маҳсулоти озуқаворӣ андешидани тадбирҳои мукаммал зарур аст. Диссертатсияи Расулов Ҷовид Қурбонович таҳти мавзуи «Истифодаи самараноки иқтидори захиравӣ-табиӣ ҳамчун омили таъмини бехатарии озуқаворӣ дар сатҳи минтақаҳо (дар мисоли вилояти Хатлон)» маҳз ба ин масъалаҳои муҳими иқтисодӣ равона шудааст.

Дар ин раванд, муаллиф иброз медорад, ки мафҳуми «иқтидори захиравӣ-табиӣ» ҳамчун маҷмуи захираҳои табиӣ, ки барои истифода дар минтақаи мавҷуда пешбинӣ шудааст, инчунин имкониятҳои азхудкунии захираҳои навро бо назардошти омилҳои табиӣ-иқлимӣ, хусусиятҳои соҳавӣ ва минтақавии рушди минтақа дар бар мегирад. Аз нигоҳи таъмини амнияти озуқаворӣ бошад, самаранокии истифодаи ин иқтидори захиравӣ-табиӣ бештар ба таъмин намудани аҳолӣ бо маҳсулоти ғизоӣ рабт мегирад. Ҳадафи асосӣ — дастрасии доимии аҳолии минтақа ба озуқа бо миқдор ва ҳаҷми зарурӣ дар ҳар вақт ва фароҳам овардани шароити зарурӣ барои нигоҳ доштани сатҳи зиндагӣ ва ҳифзи саломатии мардум мебошад.

Тавсияҳои илмӣ-амалии пешниҳодшуда метавонанд барои беҳтар сохтани фаъолият дар сохторҳои дахлдори давлатӣ ва минтақавӣ, инчунин корхонаҳои саноатии коркарди ашёи хоми кишоварзӣ самаранок истифода шаванд. Инчунин, онҳо метавонанд дар мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ дар минтақаҳои кишвар ва дигар ниҳодҳои марбута татбиқ карда шаванд. Хулосаҳо ва пешниҳодҳои дар кори илмӣ овардашуда, на танҳо аз лиҳози назариявӣ, балки ҷанбаҳои амалии онҳо низ барои таъмини амнияти озуқаворӣ дар минтақаҳо, баланд бардоштани сатҳ ва сифати зиндагӣ, фароҳам овардани ҷойҳои нави корӣ ва шуғли пурсамари аҳолӣ дар минтақаҳои ҷумҳурӣ мусодат карда метавонанд.

Таҳлилу баррасии автореферати мазкур нишон дод, ки дар он баъзе ҳолатҳо баҳснок мавҷуданд, масалан:

- Хуб мешуд, ки муаллиф дар бахши назариявӣ ва таҳлили хусусиятҳои минтақавии истифодаи иқтидори захиравӣ-табиӣ бештар таваҷҷуҳ ба масъалаҳои иҷтимоӣ-демографӣ, аз ҷумла сатҳи зиндагии аҳолӣ

равона мекард. Ин амал метавонист сифати кори мазкурро боз ҳам афзун гардонад.

- Ҳамчунин, ба назари инҷониб, ҳангоми арзёбии самаранокии истифодаи заминҳои кишоварзӣ, масъалаҳои экологии арзёбии захираҳои замин аз назари муаллиф дур мондааст.

Эродҳои мазкур хусусияти тавсиявӣ дошта, ба арзиши илмии таҳқиқоти пешниҳодшуда таъсири манфӣ намерасонанд. Баръакс, онҳо метавонанд ҳамчун пешниҳод барои такмили сифати кори муаллиф хизмат кунанд. Дар маҷмуъ, автореферати иҷрошуда дар мавзуи "Истифодаи самаранокии иқтидори захиравӣ-табиӣ ҳамчун омили таъмини бехатарии озуқаворӣ дар сатҳи минтақаҳо (дар мисоли вилояти Хатлон)" бо натиҷаҳои илмӣ ва амалӣ ба талаботи низомномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ мебошад. Муаллифи рисолаи илмӣ Расулов Ҷ.Қ. барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.4 - Иқтисодиёти ҳудудӣ сазовор дониста мешавад.

Тақриздиҳанда:
номзади илмҳои иқтисодӣ., дотсент,
мудири кафедраи баҳисобгирии муҳосибӣ
ва аудити Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон
ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур Кабиров Н.Ш.

Имзои Кабиров Н.Ш.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи таъминоти ҳуқуқӣ ва кадрҳои
Донишгоҳи агарарии Тоҷикистон Қурбонзода А.Х.

Суроға:734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон
ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 146.
Телефон: (992-372) 24 72-07
E-Mail.: rectortau31@mail.ru